**Тақризи**

**ба рисолаи илмии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Аз нимаи садаи XX сар карда, таваҷҷӯҳи суханшиносон ба таҳқиқу омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ маншаъ гирифта, имрӯз ҳам забоншиносон ба паҳлуҳои то ҳол таҳқиқнагардидаи ин бахши забон машғуланд. Воҳидҳои фразеологӣ захираи бузург ва гаронбаҳои ҳар як забон ба ҳисоб рафта, дастоварди бемисл ва ганҷинаи тамомнашавандаи маънавии ҳар як халқу миллат мебошад. Воҳидҳои фразеологӣ на танҳо воситаи ифодаи маъно, балки инъикосгари таърихи забон, марҳалаҳои рушди он, анъанаву одатҳо, тамаддун, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи халқ мебошад. Дар воҳидҳои фразеологӣ хулқу атвори халқ, дарки ҳақиқат, зеҳну фаҳмиш ва маҳорати сухангустарии миллат бозтоб мегардад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқи воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқ дар бахши фразеологияи тоҷику англис ба шумор рафта, рисолаи илмии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пажуҳиши саривақтӣ буда, муаллиф дар он ҷанбаҳои норавшани мавзӯъро бар мабнои усули тавсифӣ ва муқоисавӣ-таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ рисоларо аз мубрамияти мавзӯъ ва то ҳол таҳқиқ нагардидани воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои мавриди таҳқиқ оғоз намуда, таъкид бар он мекунад, ки воҳидҳои фразеологии феълӣ аз ҷониби забоншиносони тоҷик дар алоҳидагӣ мавриди пажуҳиш қарор гардида, то ин замон ба масъалаи таҳқиқ, таҳлил ва муқоисаи ин анвои воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи муқоиса рисолае таълиф нагардидааст.

Рисолаи номзадии Мирзоев Эраҷ Музаффарович «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз муқаддима, се боб, 10 фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якуми рисола **«Асосҳои назариявии омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ»** сухан аз боби масъалаҳои назариявии воҳидҳои фразеологӣ ва марҳилаҳои асосии рушди воҳидҳои фразеологии феълӣ меравад.

Боби дуюми рисола **«Хусиятҳои сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон дошта, дар он масъалаҳои сохторию дастурии ин анвои фразеология баррасӣ мешавад. Боби мазкур аз се фасл иборат буда, вижагиҳои сохторию граммматикии ин анвои истилоҳӣ мавриди таҳлилу баррасии амики илмӣ қарор мегирад.

Дар боби сеюм хусусиятҳои луғавию-маъноии воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Рисолаи илмии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таълияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф рисола мӯҳтавои рисоларо инъикос менамояд. Рисолаи мазкур барои хондани курси «Таърихи забони тоҷикӣ», «Вожашиносӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ», "Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" метавонад мусоидат намояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳим рисола аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муаллиф дар рисола иқтибосоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ баён менамуд хуб мешуд.
2. Дар баъзе аз саҳифаҳои рисола (35, 88, 90, 97, 111….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ баратарф хоҳанд шуд.

Диссертатсияи номзадии Мирзоев Эраҷ Музаффарович дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии феълии ифодакунандаи ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» пурмуҳтаво ва тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он – Мирзоев Эраҷ Музаффарович сазовори дарёфти

дараҷаи илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Мукарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
и.в., дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гулямов Ҳайдар Қаландарович

Имзои Ҳ.Қ. Гулямовро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Файзуллохуҷа Азизович

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кучаи С.Сафаров
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«20» майи соли 2024